Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2023.**

Омӯзиш ва таҳлили осори Қаҳрамони Тоҷикистон, фарзанди фарзонаи миллат Садриддин Айнӣ собит менамояд, ки як қисми асосии онро масъалаҳои мубрами таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ташкил медиҳад. Осори С. Айнӣ ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии халқи тоҷикро дар як марҳилаи ҳассоси таърихӣ ба таври мушаххас ва равшан инъикос менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии масъалаи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ, пойгоҳи сарчашмашиносӣ асоснок, асосҳои методологӣ, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия мушаххас зикр шудааст. Дар ин радиф тавсифи натиҷаҳои масъалаи таҳқиқшаванда ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **«Инъикоси масоили мубрами таърихи охири асри XIX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал «Вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии охири асри XIX дар таҳқиқоти С. Айнӣ», дар зербоби дуюм бошад, «Вазъи фарҳанги халқи тоҷик дар охири асри XIX аз нигоҳи С. Айнӣ» ва дар зербоби сеюм «Инъикос ва баррасии ҳаракати маорифпарварӣ дар осори С. Айнӣ» ба таҳлили муфассали бобҳои ҷудогона, вижагӣ ва навгониҳои асари мазкур бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия – **«Масоили таҳлилу омӯзиши таърихи ибтидои асри XX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар ин боби рисола муаллиф дар такя ба осори Садриддин Айнӣ масъалаҳои мубрами таърихи ибтидои асри XX-и халқи тоҷикро мавриди

таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар маркази таваҷҷуҳи муаллиф қабл аз ҳама паёмадҳои ҳамлаи Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна ва сиёсатҳои он дар минта, масъалаҳои омӯзиши ҳаракати ҷадидия, вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ибтидои асри XX дар асоси осори С. Айнӣ қарор гирифтааст.

Дар навиштани диссертатсия Баҳорзода С. А. аз маводи фаровони илмӣ истифода намудааст. Андеша ва ақидаҳои муаллиф бо далелҳои мухтамади илмӣ асоснок гардидаанд ва аз ҳама муҳим диссертант асару мақолаҳои Садриддин Айниро роҷеъ ба таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мавриди таҳлилу баррасии васеъ қарор додааст.

Ҳамин тавр, дар асоси мазмуни автореферат метавонем бо боварии комил гуем, ки диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур ба унвон таҳқиқоти комилан илмӣ ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Автореферати рисола мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Дар маҷмуъ, муаллифи рисола Баҳорзода Сироҷиддини Ашур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**Ноиби ректор оид ба илм**
**ва иноватсия Донишкадаи исломии**
**Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам**
**Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Қурбонов Б. Р.**

**Имзои д.и.т, проф.,. Б. Қурбонов ро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо, таъминоти**
**ҳуқуқӣ ва коргузорӣ ДИТ ба номи Имоми**
**Аъзам- Абуҳанифа** **Ҷомадов Х.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

14.06.23

**Суроға: шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,**
**хиёбони Рӯдакӣ, кучаи Шодмонӣ 58/1**
**телефон: (+992 37) 224-22-36**
**E-mail^ islamtaj@mail.ru**